**ТАҚРИЗ**

**ба авторефирати Раҳимов Холмаҳмад Баротович дар мавзӯи**
**«Ҷустори ҳунарии Лоиқ Шералӣ дар шеъри муосири тоҷик ва фардияти эҷодии ӯ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ оид ба ихтиоси 10.01.01.- «Адабиёти тоҷик»**

Хусусиятҳои хоси мундариҷавӣ, ғоявӣ ва жанриву бадеии шеъри Лоиқ Шералӣ аз оғози фаъолияти эҷодиаш диққати муҳаққиқонро ба худ чалб карда ва ин таваҷҷуҳ то ба имрӯз идома дорад.

Фардияти эҷодӣ ва ҷойгоҳи Лоиқро дар таърихи адабиёти муосири тоҷик, пеш аз ҳама дар ҷараёни ташаккул ва таҳаввули шеъри тоҷикӣ, хусусиятҳои хоси дидгоҳҳои ӯ ба рӯйдодҳои зиндагӣ ва арзишҳои иҷтимоӣ ва бадеии осори ӯ муайян мекунад. Нотакрории муаллиф на фақат дар тарзи ниҳориш, балки усули дарки воқеият, андеша сари ҳаводиси зиндагӣ, бовариҳои ӯ ва ғайра зоҳир мешавад, ки мутассифона, мавриди ҷустуҷӯҳои амиқ ва ҳаматарафа қарор нагирифтааст.

Навгониҳои таҳқиқоти Раҳимов Х. Б. аз он иборат аст, ки бори аввал масъалаи ҷустори ҳунарии Лоиқ Шералӣ дар шеъри муосири тоҷик ва фардияти эҷодии ӯ дар ҷараёни адабии нимаи дувуми солҳои шаст ва баъди он мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, ки он аз муқаддима, се боб, панҷ фасл, хулоса ва китобнома иборат аст.

Муҳаққиқ дар асоси мводҳои омӯхташуда паҳлуҳои гуногуни ин мавзӯъро, таҳлил ва арзёбӣ карда, тамоюли фикрӣ ва ҳунари Лоиқ Шералӣ дар инъикоси мавзӯъҳои ишқиро мушаххас кардааст. Ҳамчунин муҳаққиқ дар заминаи тасвири бадеии рукнҳо ва намодҳои ҳастии таърихӣ ва фарҳангии тоҷикон, аз ҷумла, забон ва ҳувияти фарҳангӣ хусусиятҳои фардияти эҷодии Лоиқ Шералиро нишон додааст.

Мавзӯи диссертатсияи номзадии Раҳимов Х. Б. «Ҷустори ҳунарии Лоиқ Шералӣ дар шеъри муосири тоҷик ва фардияти эҷодии ӯ», яке аз мавзӯъҳои муҳими адабиёти муосири тоҷик ба ҳисоб рафта, таҳқиқоти муҳаққикро кори ба анҷомрасида ҳисобидан мумкин аст. Хулосаҳои муаллиф асоси илмӣ дошта, мундариҷаи бобҳои рисоларо дар бар гирифтааст. Бинобар он автореферати Раҳимов Х. Б дар мавзӯи «Ҷустори ҳунарии Лоиқ Шералӣ дар шеъри муосири тоҷик ва фардияти эҷодии ӯ» кори ба анҷомрасида ба ҳисоб рафта, ба талаботи рисолаҳои номзадии КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, диссертант лоиқи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯи ихтисоси 10.01.01 “Адабиёти тоҷик” мебошад.

Номзади илмҳои филологӣ, дотсент.
Мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Дустов Комилҷон Авлокулович

Нишонӣ: 7340025, Тоҷикистон,ш. Душанбе,
Кӯчаи . Франко 9/2, кв. 3.
Тел (моб):+992 (93-582-73-03)
Э-почта: komildustov.64@mail.ru

Имзои мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур,дотсент Дустов Комилҷон Авлокуловичро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳо Зуҳуров З.Г.